## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода тахти унвони «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Дар таърихи тамаддуни тоҷикӣ шахсиятҳои бузурге зиндагиву фаъолият намудаанд, ки на танҳо худро мутобиқ ба гардиши замон рушд додаанду тағйири камол кардаанд, балки бо ҳузури мустақими худ бар шуури ҷомеа таъсири амиқ гузоштанд. Ин шахсиятҳои барҷастаи таъриху адабиёт ва илму фарҳанг бештар дар вазъиятҳое, ки мардум давраҳои гузариш аз як сохт ба сохти дигарро мегузаронданд ва таҳаввули руҳию маънавиро паси сар мекарданд, зуҳур менамуданд ва аз баргузидагии худ дарак медоданд. Академик Акбар Турсун дуруст мушоҳида кардааст, ки дар чаҳоряки охири асри XIX ва чаҳоряки аввали садаи XX – воқеан лаҳзаи гузариш дар таърихи тӯлонии минтақа – навъи ҷадиде аз шахсияти мутафаккир шуруъ ба шаклгирӣ кард, ки ман ӯро (Аҳмади Донишро) ба унвони як равшанфикри эътиқодманд бо худогоҳии интиқодӣ – гузаштанигар муаррифӣ мекунам.

Дуруст аст, ки яке аз баргузидатарин баргузидагони тоҷик, ки дар шароити тори асримиёнагии садаи 19 чун яке аз чеҳраҳои шинохтаи сиёсиву фарҳангӣ умр ба сар бурда, ба ҳайси олиму нависанда, маорифпарвар, файласуф, шоир, арбоби давлатӣ ва сафири Аморати Бухоро дар Империяи Россия, сарвари мактаби маорифпарварони тоҷик ва ҳамчунин асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ дар саросари Осиёи Миёна шинохта шуда, дар рушди афкори ҷамъиятию сиёсии минтақа таъсири бузурге гузоштааст, Аҳмад Махдуми Дониш мебошад.

Дар бораи ин шахсияти бузурги адабиву таърихӣ ва сиёсиву фарҳангӣ мақолаҳову асарҳои арзишманде таълиф ёфтаанд. Дар байни ин осори таълифёфта ишораҳои зиёде ҳам оид ба арзиши андешаҳои адабиву назарии ӯ ба назар мерасанд. Аммо муҳаққиқ Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар таърихи адабиёти тоҷик бори аввал дар шакли хеле мукаммалу муфассал ин мавзуъро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, барои дифоъ пешниҳод намудааст.

Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба доираи масоили таҳқиқии **шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти**

**точик, равобити адабӣ**, хусусан, **бандҳои 8-9-уми шиносномаи ихтисоси илмии мазкур** комилан мувофиқат менамояд.

Дар муқаддима муаллиф дар бораи мубрам будани мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объекту предмети он, фарзияҳое, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, методологияи тадқиқот, навоварии илмӣ ва муқарраротe, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, ҳамчунин дар бораи аҳаммияти натиҷаҳои тадқиқот ва саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқ изҳори назар шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки "Аз таърихи аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон" унвон гирифтааст, муаллиф ба таври воқеӣ ба таърихи таҳқиқи аҳмадидонишшиносӣ дар кишварамон руҷуъ намуда, диққати хонандагонро саравval ба нахустин сарчашмаҳое, ки аз Аҳмад Махдуми Дониш ёд кардаанд, ҷалб намуда, дар бораи таҳқиқу таҳлил ёфтани зиндагиномаи адиб ва фаъолияти эҷодии ӯ дар осори илмии донишмандон муфассалан таваққуф кардааст. Дар ин замина ба муҳимтарин дастовардҳо дар ин самт ишора намуда, заъфу норасоиҳо дар омӯзиши мавзуъро таъкид месозад ва роҳҳои минбаъд ҳалли онҳоро низ пешниҳод намудааст. Муаллифи диссертатсия борикбинона заъфи самти аҳмадидонишшиносиро дар ду ҷанба – якум, осоре, ки аллакай мунташир гаштааст ва дувум, интишору таҳқиқи минбаъдаи он муайян намуда, зарурати ба таври густурда омӯхтани ҳаёту фаъолият ва муҳтавои офаридаҳои Аҳмади Донишро таъкид сохтааст.

Боби дувуми диссертатсия "Заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули андешаҳои адабии Аҳмади Дониш" номгузорӣ шуда, дар се зербоби он иҷмолан дар бораи собиқаи андешаҳои назарии адабиёти тоҷик ва раванди таҳқиқи он изҳори назар шуда, махсусан дар бораи заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии андешаҳои адабие, ки зери таъсири онҳо Аҳмади Дониш парвариш ёфтааст, муайян гашта, дар бораи ҳар яке аз онҳо алоҳида баҳс оростааст. Ҳамчунин дар қисмати охири ин боб дар бораи назари ислоҳотхона ва андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш, ки дар пайдоиш ва ташаккули ҳунари ноқидӣ ва андешаҳои адабии ӯ таъсири мустақим доштаанд, андешаронӣ намудааст.

"Таҳлили ақидаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш" унвони боби севуми диссертатсия мебошад. Ду боби нахуст замина барои ба риштаи таҳқиқ кашидани ин қисмат гаштаанд. Ин муҳимтарин қисмати диссертатсия буда, дар зербоби аввали он, ки "Муносибати Аҳмади Дониш ба шеъру шоирӣ" номгузорӣ шудааст, муаллиф ба чанд санаде, ки хушбин будани Аҳмади Дониш ба шеъри асил ва шоири ҳақнигору воқеъбинро ба субут мерасонанд, ишора намуда, ба андешаҳои адиб дар мавриди тавсифи шеъру

шоирӣ таваҷҷуҳ намудааст. Дар ин зербоб ҳамчунин иллати мазамматӣ касби шеъру шоирӣ аз ҷониби Аҳмади Дониш, хулосаҳои андешаҳои мутафаккир дар мавриди пешаи шоирӣ ва маншаи бартарию фазилати аҳли қалам ва мадҳи дурӯғину ҳиҷои беҷо оварда шуда, муаллифи кор бо овардани мисолҳо таъсиргузории ин навъ андешаҳои пешқадами шоирони салафро ба тафаккури Аҳмади Дониш баён намудааст. Дар зербоби дувуми ин боб – "Истилоҳоти адабӣ ва истифодаи онҳо дар осори Аҳмади Дониш" – муаллиф мафҳум ва ҳадафи сухан аз нигоҳи мутафаккир, мақоми сухани ҳақ ва рост аз назари Аҳмади Дониш ва мувофиқатии онҳо ба назарияи аҳли тасаввуф ва афкори Носири Хусрав, чун истилоҳи хосса дар тафаккури Аҳмади Дониш хизмат кардани ифодаи "аҳли қалам" ва аҳдофу вазоифи намояндагони "аҳли қалам", истифодаи адиб аз мафҳумҳои "шароеъ", "бадоеъ" ва "саноеъ", кушода додани мафҳум ва маънои истилоҳии "фасоҳату балоғат" аз ҷониби Аҳмади Дониш, андешаҳои ӯ доир ба ифодаҳои "фасеҳи комил", "фасеҳи балиғ" ва "фасеҳи изофӣ" ва амсоли чунин масъалаҳо мӯшикофона таҳқиқу баррасӣ гардидаанд. Дар ин қисмат муаллиф ба дахл кардани мутафаккир ба масъалаҳои навъу намуд, шаклу жанрҳои илми адабиёт, гуфтан ва эҷод намудани шеър, муносибати шакл ва мазмуни шеър, ҳадаф ва вазифаҳои он, хислат ва рисолати шоир таваҷҷуҳ дошта, ба самтҳое, ки назарҳову андешаҳои интиқодии Аҳмади Донишро шакл додаанд, диққати хосса додааст.

**Нававарии кори илмӣ** назаррас буда, кори диссертатсионии мазкур аз аввалин иқдомҳо дар таҳлили густурдаи андешаҳои назариву адабии Аҳмади Дониш ба шумор меравад.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** аз муайян намудани ҳадаф ва асосноксозии вазифаҳои таҳқиқ иборат буда, ҷудо намудани андешаҳои адабиву назарии Аҳмади Дониш ва баррасиву таҳлили арзишҳои онҳо барои улуми назарии адабиёт ва нақди адабӣ дар Тоҷикистон аз мавзуоти аслии таҳлил ва таҳқиқи диссертатсия маҳсуб мешавад.

Хулосаҳои диссертатсия аз 16 банд иборат буда, ба таври мушаххасу воқеӣ ва илман асоснокшуда муҳтавои диссертатсияро комилан таҷассум менамоянд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ** дар 4 банд ифода гардида, натиҷаҳои бадастомада, бидуни баҳс, метавонанад ба ҳайси маводи омӯзишӣ ва илмӣ ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши назарияи адабиёт ва нақди адабии тоҷик истифода шаванд.

Нуктаҳои асосӣ ва натоиҷи кори таққиқӣ **дар 7 мақола, аз ҷумла 4 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **3 мақола** дар нашриёҳои дигари илмӣ ба табъ расидааст.

Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсия дар гузоришу мақолаҳои илмии муҳаққиқ мунташир шудаанд. Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро фарогир аст.

Бо дарназардошти андешаҳои боло, диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода, ки «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» унвон гирифта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ таҳия ва таҳқиқ шудааст, кори баанҷомрасида ва сазовори ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ меҳисобам.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ,
Директори Институти илмҳои гуманитарии
ба номи академик Б. Искандарови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Қаландариён Ҳоким Сафар

**«15» декабри соли 2025.**

**Нишонӣ:** 736000, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ВКМБ, ш. Хоруғ,
кӯчаи Деҳотӣ 80, х 23.
E - mail: hokim@mail.ru
Тел.: (+992) 93 489 26 26.

«Имзои д.и.ф. Қаландариён Ҳоким Сафарро тасдиқ мекунам»:

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
илмҳои гуманитарии ба номи академик
Б. Искандарови АМИТ Садоншоев Тоҳир Музофиршоевич

**«15» декабри соли 2025.**
**Нишонӣ:** 736000, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ВКМБ, ш. Хоруғ,
кӯчаи Усмон Холдоров, 4
E - mail: sadonshoev82@mail.ru
Тел.: (+992) 777078296